22633 - Яҳудиён ҳақ надоранд ба нимҷазираи Араб ворид шаванд

савол

Гузориш шудааст, ки Лабид ибни Аъсами яҳудӣ тавассути канизи яҳудӣ, ки ба хонаҳои паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) медаромад, тавонист чизеро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) (барои ҷоду) бигирад. Оё ин маънои онро дорад, ки ба кор гирифтани яҳудиён ҷоиз аст?

Мафҳуми ихроҷи яҳудиён, ки дар ҳадисҳо зикр шудааст, чист? Ва чӣ гуна вуҷуди яҳудиён дар Мадина шарҳ дода мешавад, дар ҳоле ривоят шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) онҳоро аз он ҷо берун карда буд?

Ҷавоби муфассал

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) амр кардааст, ки яҳудиён аз нимҷазираи Араб берун карда шаванд ва фармудааст, ки дар нимҷазираи Араб ду дин набояд якҷоя бошанд. Ин ҳукми Шариъат аст. Ҷоиз нест, ки ягон мушрике дар он ҷо бимонад. Аммо вуҷуд доштани яҳудиён дар Мадина, Хайбар ва ғайра — ин пеш аз амри ихроҷи онҳо буд, чунон ки маълум аст. Дастур ва васият ба ихроҷи онҳо дар замони бемории охирини паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) содир гардид ва пас аз он Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) онҳоро ихроҷ кард.